# Илм ва Техника

№4(22)
апрели
2024

Маҷаллаи илмӣ-техникӣ барои ҷавонон ва наврасони Тоҷикистон



i-tech.tj



Пешвои миллат бо кӯдакон ва наврасони вилояти Суғд, апрели соли 2024









**Дар ин шумора:**


► 7 КАШФИ САЙЁРАҲОИ НАВ...

► 11 ПАЙВАНДИ МУСИҚӢ БО МАТЕМАТИКА

► 16 ХАЗИНАИ ВАҚТ

► 18 БОЯД ТАФАККУРИ УСТУВОР ДОШТ!?

# Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар меҳвари таваҷҷуҳи ҷомеаи Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо саъю талош ва роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа марҳилаҳои рушдро аз сар гузаронид, ки ин дар таърихи давлатдориамон бо хатҳои заррин дарҷ гардидаст. Рӯ овардан ба илмомӯзӣ, хусусан, ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ қадами боэътимод барои рушди устувори иқтисоди мамлакат ва таъмини рақобатпазирии он дар арсаи ҷаҳон мебошад, зеро дар марҳилаи нави рушди Тоҷикистон нақши илм ва тафаккури илмӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ — иҷтимоӣ ва бунёдӣ хеле муҳим аст.

Рушди илмҳои дақиқ муҳимтарин рукни ҷаҳонбинии дунявӣ ва муассиртарин воситаи тарбияи шахсияти соҳибназар арзёбӣ мешавад. Илмҳои техникӣ қонунияту равандҳо ва ҳодисаҳоеро меомӯзанд, ки барои ба даст овардан ва ё истифода бурдани захираҳои табиӣ, эҷод намудани дастгоҳҳову таҷҳизоти замонавӣ равона мешаванд. Илмҳои табиӣ маҷмуи донишро доир ба хусусият ва таъсири байниҳамдигарии шохаи дигар фанҳо, таъсири онҳо ба ҷамъият дар арсаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ — техникӣ ва муҳити зист дар бар мегиранд.

Пешравиҳои илмӣ — техникӣ ва иҷтимоӣ барои аз худ намудани фанҳои муҳим — физика, риёзӣ, геометрия ва дигар фанҳо кӯмак мерасонанд.

Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади суръат бахшидан ба омӯзиш ва дарёфти чеҳраҳои нави илм, олимони эҷодкор, ихтироъкорон, навоварон дар партави барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040» озмуни дигар ҷумҳуриявиро таҳти унвони «Илм – фурӯғи маърифат» эълон намуданд. Мақсади асосии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм–фурӯғи маърифат», пеш аз ҳама, ҷалби ҷавонон ва аҳли зиёву табақаҳои гуногуни ҷомеа ба илмҳои бунёдӣ, ба монанди математика, информатика, кимиё, биология, физика, география ва ихтироъкориву навоварӣ мебошад. Ба ин васила метавон нигоҳи аҳли ҷомеаро ба ин самт, яъне самти илму маърифат равона намуд, ки дар натиҷа сатҳу сифат ва касбияти мутахассисон баланд шуда, илму маорифи мамлакат устуворона рушд намуда, заминаи мустаҳкам бо донишҳои замонавӣ устувор мегардад. Дар раванди ҷаҳонишавӣ бо амиқ гардидани донишҳо дар шохаҳои гуногуни илм ҳисси худшиносиву худогоҳӣ низ ташаккул меёбад.

Ҷомеа, бахусус ҷавонон аз фаъолият ва осори ниёгонашон, ба монанди Ҷобир ибни Ҳайён, Муҳаммад Закариёи Розӣ, Абурайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва амсоли инҳо, ки аввалин кашшофони масоили муҳими илмҳои табиию дақиқ ва риёзӣ то зуҳури илм дар Ғарб буданд, огаҳӣ пайдо мекунанд.



Тавре иттилоъ дорем, бо мақсади саноатикунонии босуръати мамлакат ва аз давлати аграрӣ ба ҷумҳурии саноатӣ табдил додани он аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ солҳои 2021-2026 Солҳои рушди саноат, эълон шуданд. Барои ба ин ҳадафи стратегӣ расидан бояд, пеш аз ҳама, мутахассисони соҳибмаълумоти соҳаро омода созем.

Ҳамаи ин иқдом, аз қабили таъсиси мактабҳои миёна ва олии типи нав солҳои 2020-2040 — «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ», баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» ва таъсиси шабакаи телевизионии «Илм ва табиат» ба рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, ихтироъкорию кашфиёт ва рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат менамоянд...

**Зулфия Шораҳматуллоева,**
**Омӯзгори калони кафедраи таҳлили математикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев**

# ИЛМАТ БА АМАЛ ЧУ ЁР ГАРДАД

Моҳи апрел даври аввали Озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» дар муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои илмӣ ва дигар ташкилот оғоз мегардад.

Ин озмун соли чаҳорум аст, ки дар Тоҷикистон тахти сарпарастии Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор мегардад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба монанди гузаштагони бузурги миллати тоҷик илмро муҳим шуморида, пояи давлат медонанд. Бо ин мақсад бо Амри Президенти Тоҷикистон Озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» эълон гардид.




Дар ҳақиқат илм пайроҳаи чароғи зиндагӣ, падидаи неки манзалати инсонҳо ва муқаддастарин маърифати зиндагии башарият мебошад. Маҳз илм ба зиндагии мо дар рӯи Замин равшанӣ андохта, маънии ҳаётро аз ҳама ҷониб тасниф менамояд. Донишу маърифат то имрӯз барои аҳли башар самараи хубе фароҳам овардаву минбаъд низ фароҳам меоранд. Азамату бузургии адабиёти миллати тоҷик маҳз аз донишу маърифат сарчашма мегирад, зеро дониш ва илму ҳикмат зулмату торикӣ ва решаҳои нодониро аз байн мебаранд. Мақому мартабаи донишманд ба қадре баланд аст, ки соҳиби онро дар тамоми олам, новобаста аз ҷову маконаш муҳтарам ва азиз дониста, қадрдонӣ мекунанд. Тавре бузургони мо гуфтаанд:

*Илмат ба амал чу ёр гардад,*
*Қадри ту яке ҳазор гардад.*

Ё ҷойи дигар омадааст:

*Дониш талабу бузургӣ омӯз*
*То беҳ нигарад рӯзат аз рӯз.*

Ноиби Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон -Гулчеҳра Қоҳирова баён намуд, ки эълон гардидани озмуни «Илм-фурӯғи маърифат» нишони он аст, ки чунин озмунҳо савияи дониши одамонро қавӣ гардонида, дар маҷмуъ, ҳадафҳои бузурги миллиро пайгирӣ менамоянд.

Озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» бо мақсади амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) ва рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо намудан ба техникаву технология, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба



омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, дарёфти истеъдодҳои нав дар ин самт гузаронида мешавад.



Озмун аз рӯйи ҳафт номинатсия- математика (арифметика, алгебра, геометрия), физика ва астрономия, химия, биология (ботаника, зоология, анатомия), география, технологияи иттилоотӣ, ихтироъкорӣ ва навоварӣ гузаронида мешавад. Сарпарасти озмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъулони баргузории озмун Академияи миллии илмҳо, Вазорати маориф ва илм, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати кишоварзӣ ва Саридораи геология мебошанд.

Бояд гуфт, ки озмун аз чор давр иборат буда, аз моҳи апрел то нимаи дуюми моҳи октябр ба таври зайл ташкил ва гузаронида мешавад:

Даври якум—моҳи апрел дар муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои илмӣ ва дигар ташкилот; даври дуюм—моҳи май дар маркази шаҳр ва ноҳияҳо (ба истиснои шаҳри Душанбе); даври сеюм — нимаи дуюми моҳи сентябр дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе; даври чорум—даври ҷумҳуриявӣ барои ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми дав-



ри сеюм нимаи дуюми моҳи октябр дар муассисаҳои илмии Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои таълимии сохтори Вазорати маориф ва илм.

Дар озмун шаҳрвандони мамлакат, аз ҷумла, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрантҳо, аспирантҳо, докторантҳо, докторантон ва намояндагони касбу кори гуногун) иштирок карда метавонанд.



Ба самъи иштирокдорон расонида мешавад, ки бо шартҳои озмун ва пайдо кардани маълумоти муфассал метавонанд тариқи сомонаи ravshanfikrt.tj шинос шуда, маводи заруриро ба даст оранд.

**София ШОИК,**
**АМИТ «Ховар»**



# АҲМАДИ ФАРҒОНӢ ВА РУШДИ РИЁЗИЁТ

Аҳмади Фарғонӣ ахтаршинос, риёзидон ва ҷуғрофиёдони машҳури асрҳои VII- IX ба шумор меравад. Ӯ дар водии Фарғона тақрибан соли 798 таваллуд шудааст. Ин олими тавоно дар Шарқ бо тахаллуси Ҳосиб (яъне ҳисобдон-риёзидон) ва дар Ғарб бо номи “Алфараганус” машҳур буда, дар рушди улуми замони худ саҳми рӯшан доштааст. Аҳмади Фарғонӣ дар Бағдод ва Димишқ замони хилофати Маъмун (813-833) дар бунёди расадхонаҳо ширкат варзидааст. Ӯ дар рисолаи “Мадхалу-н-нуҷум” (“Муқаддимаи си-



торашиносӣ”)-и худ илми ситорашиносии замонаашро мураттаб сохта, аз ҷумла, ба ислоҳу танқиди Батлимуси юнонӣ пардохтааст. Ӯ соли 812 ҳусуфи Офтобро дар Бағдод пешгӯӣ кард ва инчунин куррашакл будани заминро собит намуда, дарозтарин ва кӯтоҳтарин рӯзи солро бар асоси риёзӣ муайян, мавҷудияти доғро дар Офтоб ва гирифтани Офтобро дар соли 832 пешгӯӣ карда буд. Ин олим “миқси ҷадид” ном дастгоҳе сохт, ки онро барои андоза кардани оби дарёи Нил истифода мебурданд, ки имрӯз ин таҷҳизот бо номи нилометр шинохта шудааст.

Дар замони Мутаваккили Аббосӣ муҳандис, сарпарастии сохтмони нилсанҷи бузургро ба ӯҳда дошт. Фарғонӣ ахтаршиноси дарбори Аббосиён буд ва китоби “Ҷавомеъ”-ро навиштааст. Ин асари ӯ гузориши ғайририёзии ҷомеъе аст аз усули ахтаршиносии батлимусӣ, ки Қосибӣ шарҳе бар он навиштааст. Китоби ёдшуда дар Аврупои садаҳои миёна нуфузи густурдае ёфт. Аҳмади Фарғонӣ таълифоте низ дар бораи соати офтобӣ, назарияи риёзии устурлобҳо ва ҷадвалҳои нуҷумии хоразмӣ дорад.

Осори ин олими пуркор ба унвони “Китоб-ул-комил фи-л-устурло” (Китоби комил дар бораи устурлоб), “Фӣ санъати-л-устурлоб” (Дар боби санъати сохтани устурлоб), “Рисола фӣ маърифати-л-авқоти-л-лати якуну-л-қамару фӣ фавқи-л-арзи ав таҳтаҳо” (Рисола дар бораи донистани вақтҳое, ки Моҳ дар болои Замин ё зери он воқеъ мегардад), “Ҳисоби ҳафт иқлим”, “Китоби коркарди мармар”, “Китоби ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ ва маҷмӯи ситораҳо” ва ғайра нашр шудаанд. Қисме аз осори Аҳмади Фарғонӣ дар замони худи ӯ ба забони лотинӣ тарҷума шуда буданд.

Таърихи даргузашти Аҳмади Фарғониро тақрибан дар солҳои 861 дар Қоҳира муайян кардаанд.

**Таҳияи Лолахон Раҳимова, омӯзгори гимназияи №1, шаҳри Гулистон**



# КАШФИ САЙЁРАҲОИ НАВ ОЛИМОНРО ОИД БА ЯГОНАГИИ СИСТЕМАИ ОФТОБӢ БА ТАРДИД АНДОХТ

Сайёраҳои монанд ба Муштарӣ дар коинот зиёд ба назар мерасанд. Астрономҳои итолиёии расадхонаи Падуанск даҳҳо сайёраҳои ба Муштарӣ монандро дар галаситораҳои наздикии Замин дарёфтаанд. Ин падида собит менамояд, ки Ситемаи офтобӣ дар мавриди худ ягона система ба шумор намеравад. Натиҷаи чунин таҳқиқот дар маҷаллаи илмии "Nature Communications" чоп шуда буд.

Мутахассисон хусусиятҳои галаситораҳои бо номи B Pic (BPMG)-ро, ки дар фосилаи 130 соли хуршедӣ аз сайёраи мо ҷойгир шудааст, омӯхтаанд. Ин ситораҳо аз як абрпора ба вуҷуд омада, таркиби кимиёвии якхела доранд.



Таҳқиқотҳо нишон додаанд, ки ба BPMG на камтар аз 30 ситора дохил мешаванд, ки вазнашон баробар ё бештар аз Офтобанд. Дар атрофи 20 адади онҳо сайёраҳои фарохуршедии монанд ба Муштарӣ давр мезананд.

Ба гуфтаи астрономҳо ин кашфиёт далели он аст, ки системаи сайёраи мо аз абрҳои газу чанг дар зичии на он қадар ғафс ба вуҷуд омадааст. Ин далел инчунин ба мо исбот менамояд, ки тарҳҳои монанд ба Системаи офтобӣ дар коинот метавонанд зиёд ба назар расанд.

Зуҳранаварди хитоӣ Zhurong ҷисми дорои шакли бисёркунҷаи зеризаминӣ, ки дар қабати ин сайёра ниҳон будааст, дарёфт кардааст. Олимон бар ин ақидаанд, ки ин ба обҳои кайҳо азбайнрафтаи Зуҳра вобастагӣ дорад. Zhurong маълумоти георадарро ба Замин ирсол намудааст, ки баъди муайянсозӣ Академияи илмҳои Хитой (CAS) дар хусуси якчанд чунин ашёи бисёркунҷаи зеризаминӣ, ки тақрибан дар қабати 10 метр чуқурӣ аз сатҳи он ҷойгиранд, иттилоъ додааст. Ин бозёфт аз дашти ҳамвори воқеъ дар Utopia Planitia дар нимкураи шимоли Зуҳра ба даст омадааст, ки шумораи онҳо ба 16 адад мерасанд.

Бояд зикр кард, ки NASA қаблтар аз онҳо чунин ашёро дарёфт намуда буд, аммо таҷҳизоти хитоӣ бори нахуст георадар (GPR)-ро барои муйян кардани вазни он истифода намуд. Олимони хитоӣ зикр намуданд, ки бисёркунҷаҳо шояд дар натиҷаи давраи яхбандиву обшавӣ ба вуҷуд омадаанд, ки таърихи онро дар ҳудуди 3,7 млрд ва 2,9 млрд сол қабл муайян кардаанд, ки ин аз мавҷудияти оби бисёр дар гузаштаи Зуҳра шаҳодат медиҳад.

**Таҳияи Гуландом Бобоева**

# “Ватан одамро мекунад, одам...”

Аз бозе, ки худро мешиносам, медонам, ки хонаамон ҳамеша пури китоб буд. Падарам бисёр-бисёр китоб мехонданд. Ва рӯзе китобе оварданд, ки он ба китобҳои пештар дидаам ва хондаам шабоҳат надошт. Он китоби калони ғафс буд. Китобро кушодам. Дар назарам саҳифаҳои он холӣ намуданд, фақат нуқтача-нуқтачаҳои бисёре дида мешуд. Онро гӯё бо сӯзан сӯрох карда буданд.

-Ин чӣ хел китоб, чаро дар он чизе навишта нашудааст? Худи сӯзанро ба варақ халида гирифтагӣ барин...

Чунин лаҳзаҳо на танҳо барои хурдсолон, балки барои калонсолон низ лаҳзаҳои басо ҳассос аст. Ба кӯдаке, ки нав зиндагиро мешиносад, чӣ гуна метавон фаҳмонд, ки афсӯс, ҳама баробар нестанд.

-Ин китоби махсус аст. Ин китобро барои онҳое чоп кардаанд, ки аз ману ту фарқ мекунанд, - гуфтанд падарам.

-Чӣ гуна аз ману шумо фарқ мекунанд? –






бо ҳайрат пурсиданд ман.

-Агар, ту бо чашмонат китоб хонӣ, онҳо бо нӯги ангушти худ мутолиа мекунанд. Ана, бин, - гуфтанд падарам ва бо нӯги ангуштҳои худ саҳифаҳои китобро ламс карданд.

Ин барои ман мисли мӯъҷизае буд, ки чӣ гуна метавон бо нӯги ангуштон китоб хонд...

Аз ин воқеа солҳои зиёде гузаштанд. Чанд даҳсола сипарӣ гардиданд. Вақте ба мактаб-интернати бачагони қувваи босираашон суст ва зарири шаҳри Исфара омадам, ҳамин воқеа беихтиёр дар зеҳни ман дубора зинда гардид. Ман бо кӯдаконе шинос шудам, ки бо нӯги ангушти худ китоб мехонанд. Ва имрӯз ҳам фикр мекунам, ки ин мӯъҷиза аст.

Мактаб-интернат муҳити барҳавою фазои хушоянде дорад ва тозаву озода мебошад. Шояд ин ба он хотир ҳам бошад, ки кормандони он аз директори муассиса сар карда, то посбон ҳама бо самимият ва тараҳҳум ба дастпарварони ин ҷо муносибат мекунанд. То метавонанд, кӯдаконро фарзандвор ба оғӯш мегиранд. Ҳоло бо мактаббачаҳо вонахӯрда, бо директор Рисолат Шодиева шинос шудам. Ин зани ғамхору меҳрубон тайи 30 сол мешавад, ки дар ҳамин муассиса кор мекунад ва ду сол инҷониб директории мактаб-интернати мазкурро ба ӯҳда дорад. Аз ӯ дар бораи хонандаҳо пурсон шудам. Директор Рисолат Шодиева бо самимият изҳор намуд:

-Шумо ҳоло бачаҳои маро бинед, онҳо ин қадар зебоянд, хушахлоқанд. Ба онҳо ҳавасатон меояд.

Суханҳои ӯ саршор аз муҳаббати модаро-



наанд. Ӯ ин кӯдаконро соҳибӣ мекунад, то дар сарнавишти онҳо низ муҳаббати самимӣ тақдир шуда бошад.

Албатта, ҳар як нафар ба андозаи он қудрате, ки дорад, кӯшиш мекунад, аммо вақте дар кӯчактарин ҳаракат, дар кӯчактарин талошу кӯшиш ҳам мебинед, ки барои дастпарварони чунин мактабҳо амали хайре ба анҷом мерасонад, дили одамро эҳсоси умедворкунандае фаро мегирад, зеро ҳар яки онҳо ҳам фарзандони мову шумоянд. Фарзандоне, ки муҳаббаташон самимитар, дилашон бузургтар ва зиндагияшон ҳам дигаргунатар аст. Онҳо зиндагиро бо чашм нею бо дил мебинанд...

-Ман яке аз пайравони амали неки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошам. Ҷаноби Олӣ ҳамеша ба куҷое раванд, кори худро аввал аз ҳама аз аҳволпурсии ятимону маъюбон ва бепарасторон оғоз мекунанд. Ҳамеша ғамхори ятимону маъюбон ва бепарасторонанд. Ба туфайли дастгириҳои Ҷаноби Олӣ мактаб-интернатҳо низ ҳамеша зери сарпарастии давлату ҳукуматанд. Ин иқдоми инсондӯстонаи Ҷаноби Олиро шахсони саховатманд низ пайравӣ мекунанд. Вакили шаҳрӣ ва вилоятӣ Савриддин



Раҷабов доимо кӯдаконро хабар мегирад, аз аҳволашон пурсон мешавад ва кӯмаку дастгирии худро дареғ намедорад, - мегӯяд Рисолат Шодиева.

Мактаб-интернат имконият дорад 100-нафар бачаҳоро бо таълиму тарбия ва табобат фаро бигирад. Айни ҳоло дар он ҷой 71-нафар таҳсил мекунанд, ки аз онҳо 23-нафар духтар мебошанд.

Дар ин муассиса аз тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят дастпарварон ҷамъ шуда-




анд ва 40-нафар шабонарӯзӣ дар ин ҷой мeистанд. 47-нафар корманд, аз ҷумла, 29-нафар омӯзгор (21-нафар бо маълумоти олӣ, 3-нафар бо маълумоти олии нопурра ва 5-нафар бо маълумоти миёнаи махсус, ки таҳсилашонро давом медиҳанд), кору фаъолият мебаранд. Ҳамчунин, 12-нафар мураббия, 15-нафар кормандони техникӣ ва як нафар духтури чашму 2-нафар ҳамшираи тибб низ дар нигоҳубини махсуси дастпарварони ин даргоҳ мебошанд.

Хонандагон ба ин ҷой тибқи роҳхати комиссияи тиббӣ-педагогӣ қабул карда мешаванд. Маблағгузории муассиса аз ҳисоби буҷаи давлат мебошад. Хонандагон бо хӯроки гарм ва доруҳои аввалиндараҷаи зарурӣ пурра таъминанд. Онҳо тибқи барномаи таълимии махсуси тасдиқшуда таҳсил мекунанд. Дар соли 2023 9-нафар хонандаи муассисаи таълимӣ дар олимпиадаи минтақавии фанҳо иштирок карда, сазовори ҷойи 3-юм гардиданд. Хонандаи синфи 10 Имомҳасан Шаҳобидинов аз фанни таърих дар олимпиадаи шаҳрӣ иштирок намуд ва соҳиби ҷойи сеюм гардид.



Дар китобхонаи мактаб-интернат китобҳои гуногун, ки бо ҳуруфи кириллии ҳаҷман калон ва бо ҳуруфи Брайли чоп шудаанд, ҳастанд. Хонандагон дар фурсатҳои муайян аз онҳо фаровон истифода мебаранд. Муассиса дорои се хобгоҳ аст: як хобгоҳи духтарона ва ду хобгоҳи писарона. Як ҳуҷраи духтур, як ҳуҷраи ҳамшираҳои тиббӣ, ошхона, ҳуҷраҳои таълимӣ, толори варзишӣ, синфхонаи компютерӣ, утоқи равоншинос ва ғайраҳо барои таълиму тарбия, табобат ва зиндагии хонандаҳо омода шудаанд.

Ба ғайр аз барномаи таълимӣ боз маҳфилҳое ҳастанд, ки хонандагон дар он фаъолона ширкат меварзанд: маҳфили тарбияи ҷисмонӣ, маҳфили Брлайли ва маҳфили суруд ва мусиқӣ. Чанде аз дастпарварон пас аз хатми мактаб-интернат ба донишгоҳҳо таҳсил намуда, баъд аз хатми он ба ҳамин муассиса ба кор омадаанд; аз ҷумла, омӯзгори фанни суруд ва мусиқӣ – Мафтуна Сабурова, омӯзгори технологияи компютерӣ – Омина Усмонова, муаллими забони хориҷӣ  - Эмомалӣ Раҳмон, муаллими забон ва адабиёти тоҷик - Мавзуна Собирова, муаллими фанни таърих Гулноза Раҳматова дар мактаб-интернат кору фаъолият мебаранд.

Рисолат Шодиева дар бораи ҳар як тарбиятгирандагони ин муассиса бо муҳаббат ва ифтихор нақл мекунад.

Ба фикри ман, талошу кӯшиши чунин дастпарварон бори дигар нишон медиҳад, ки болотарин арзиш барои мавҷудияти инсон ин умед аст.

Чизе, ки бештар маро ба ҳаяҷон овард, ин самимияти Осиёҷон Шарафзода мебошад. Ӯ духтараки зебою озода буда, мӯйҳояш кокулкардаву либоси мактабӣ ба бар кардааст. Албатта, ман ӯро бори аввал дидам, аммо самимияташ дар дилам то абад боқӣ хоҳад монд. Ӯ барои ман шеър қироат намуд:

Ҷону дили мо Ватан мебошад,
Бахтовари мо Ватан мебошад.
Ватан аз дилҳо мебарорад ғам,
-Ватан одамро мекунад одам...

Хонандаи дигаре, ки шиносоияш бароям фалсафаи навро кашф намуд, Нодирахон Абдуғаффорова мебошад. Духтарак аз ноҳияи Деваштич ба ин муассиса омадааст ва ӯро ба ин даргоҳ беш аз ҳама муҳаббати омӯзгорону мураббияҳо дилгарм мекунад. Ӯ соли 2023 дар озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи донои, китоб аст” иштирок кард ва дар  марҳилаи шаҳрии озмун сазовори ҷойи сеюм гардид. Ӯ аз ҷумлаи онҳоест, ки бо нӯги ангушт китоб мехонад ва шеърҳои бисёре низ аз ёд кардааст. Дар бораи ӯ мегӯянд:

-Яке аз талабаҳои беҳтарини мо...

Ногуфта намонад, ки ҳамаи омӯзгорону кормандони ин муассиса ҷонфидоёнаю самимона ва пурсаброна фаъолият мебаранд, то кӯдаконро барои зиндагӣ кардан умеди тоза бахшанд. Дар машғулиятҳои фанни тарбияи ҷисмонӣ, дар кори муаллим Муқаддасхон Рӯзиматова низ чунин фидокориро эҳсос кардам ва дидам. Бигзор, сафи чунин омӯзгорон бештар бошад.

**Матлуба Ёрмирзоева**



# ПАЙВАНДИ мусиқӣ БО математика

Мусиқӣ низ расму оин ва асрори халқҳои гуногуни қадимро ҳамроҳӣ мекард. Аммо бори аввал андешаи он, ки чаро баъзе садоҳо гӯшро дард мекунонанд, ба сари Пифагор (асри VI то милод) омад. Математики Юнони қадим кӯшиш кард, ки ин саволро бо истифода аз монокорд омӯзад. Асбоби дутордори худаш ихтироъкарда имкон дод, ки фосилаҳои муайяни мусиқӣ бо рақамҳо мувофиқ карда шавад. Ва дар рафти тадқиқоти худ Пифагор ба чунин хулоса омад: садо ифодаи ададӣ дорад.

Пифагор ҳамсадоҳоро ба ҳамоҳангҳо ва диссонансҳо тақсим мекард. Консонансҳо ҳамоҳанг садо медиҳанд, дар ҳоле ки диссонансҳо сахт ва нопурра садо медиҳанд. Якум бо таносуби содашудаи ададҳо (октаваи соф – 1/2, панҷуми пок – 2/3, чоруми тоза – 3/4), дуюм – мураккабтар (ҳафтуми калон – 8/15, дуюми хурд – 15) ифода карда мешаванд).



Муддати тӯлонӣ, диссонансҳо, ҳамчун чизи номуносиб боқӣ монданд. Аммо дар асрҳои миёна назариячиён онҳоро «барқарор» карда, худтаъмин карданд. Ин ба тарзи садо додани мусиқӣ дар асри XX ба таври назаррас таъсир расонд.

Акнун мусиқишиносон медонистанд, ки овозҳо фосилаҳоро ташкил карда метавонанд, кӯшиш мекарданд, ки онҳоро ба як система дароварда бошанд. Аммо то кунун фосилаҳои ҳамсадо ба қадри кофӣ «тоза» садо дода наметавонистанд. Ин мушкилот махсусан дар садои асбобҳои клавиатуравӣ зоҳир мешуд.

Мушкилот танҳо дар асри XVIII ҳал карда шуд - ба шарофати темперамент, ки фосилаҳои холиси «Пифагорӣ» -ро танг ё васеъ кард. Ҳамин тавр танзими ҳамвор ба вуҷуд омад, ки то имрӯз истифода мешавад. Ба шарофати ҳисобҳои арифметикӣ, октава акнун аз 12 нимтонаҳои баробар иборат буд.

Акнун оҳангсозон метавонистанд бо истифода аз калидҳои гуногун мусиқӣ нависанд (гузариши байни онҳо модулятсия номида мешавад) бидуни хатари таҷдиди комбинатсияҳои сусти ҳамсадо.

«Клавери хуб» шояд асари машҳуртарини Бах гардид, ки дар давраи ҷустуҷӯйи системаи универсалии мусиқӣ навишта шудааст.

Худи садоро низ чен кардан мумкин аст, зеро он мавҷест, ки ба баландии он басомади ларзишҳо таъсир мерасонад. Як ларзиш дар як сония ба 1 Герц (Гц) баробар аст.

Аз асри XIX инҷониб маъмултарин тюнинг-форк дар байни навозандагони академӣ нотаи А дар 440 Гц буд. Аммо имрӯз аксари оркестрҳо ва хористҳо ба стандарти 442-443 Гц мувофиқат мекунанд.

Таносуби тиллоӣ ва симметрия ба шумо имкон медиҳад, ки шаклҳои бештар ҳамоҳанг ва мукаммали асарҳо эҷод кунед.

Илова бар ин, қонуни таносуби тиллоӣ бевосита ба шакли асбоби мусиқӣ дахл дорад. Мисоли равшани ин скрипкаи Страдивариус мебошад, ки намунаи мураккабӣ ва сифати садо гардидааст.

Симметрия дар сатҳи шакли композитсия низ ба назар мерасад. Инро полифония тасдиқ мекунад: контури мусиқӣ «аз чанд ришта бофта шудааст», чудо шудааст, вале ба як «меҳвар» тобеъ аст.

Принсипи симметрия дар майдони аҷибе тасвир шудааст, ки дар он калимаҳо аз рост ба чап ва чап ба рост ва аз боло ба поён ва поён ба боло яксон хонда мешаванд.

Дар ибтидои асри XX мусиқии аврупоӣ романтикиро қатъ кард. Оҳангсозон роҳи муносибати оқилона ба навиштанро пеш гирифтанд. Асосгузорони ин равиш намояндагони мактаби нави Вена – А.Шенберг, А.Берг ва А.Веберн буданд. Бо пайдоиши мусиқии электронӣ, таъсири математика танҳо афзоиш ёфт. Масалан, компютерҳо барои сохтани спектрҳо истифода мешаванд.

**Сорбон Норбадалов**




Дугонаҳо баъд аз дарс ба хонаҳояшон мерафтанд, ки Ситора пурсид:

-Сайёра, тӯппии доно ҳамроҳат?

-Ҳа. Барои чӣ мепурсӣ?

-Ба ягон сайёраи нав сафар кардан намехоҳӣ?

-Мехоҳам. Донистан чизи хуб-ку.

-Рост. Аротус ба ман хеле писанд омад. Аз он ҷой бисёр чизҳоро омӯхтам. Баъди баргаштан китобхон ҳам шудам.

Дугонаҳо тӯпии доноро ба сарашон пӯшиданд ва чанд лаҳза пас дар ҷойи барояшон тамоман ноошно чашмонашонро кушоданд.

-Ин ҷо куҷо бошад, Сайёра?

-Намедонам, Ситора.

-Дар ягон китоб хонда будӣ?

-Дар бораи сайёрае, ки ҳам ҷояш гулобӣ бошад, чизе нахондаам.

-Рост мегӯйӣ, ҳама ҷой ранги гулобӣ дорад. Об ҳам ҳамин хел бошад?

-Ҳозир ҳамаашро мебинем.

Дугонаҳо оҳиста-оҳиста қадам мезаданд.

-Ту садоро мешунавӣ? – пурсид Ситора.

-Ба фикрам, ин садои ягон паранда...

-Не, ба садои паранда монанд не.

-Он гуфтугӯйи сокинони ин ҷой.

-Ту аз куҷо фаҳмидӣ?

-Диққат кун, мефаҳмӣ, ки онҳо суҳбат карда истодаанд.

-Чизеро намефаҳмам.

-Чунки суръати гапзанияшон хеле тез аст.

Баъди чанд лаҳза дар гирду атрофи духтаракҳо махлуқҳои бисёре ҷамъ шуданд.

-Сайёра, онҳо дар як лаҳза чӣ хел пайдо шуданд, навакак касеву чизе набуд-ку, ҳама ҷой худи биёбони холӣ барин буду фақат ранги гулобӣ дошт, халос.





-Натарс, Ситора. Маълум мешавад, ки дар лаҳзаҳои аввалини дар ин сайёра пайдо шудан чашмони одамони дигар сайёра чизеро дида наметавонад. Фақат баъд аз чанд лаҳзаи мутобиқшавӣ, баъд мебинӣ, ки дар гирду атрофат киву чӣ ҳаст.

-Маълум мешавад, ки ин сайёра холӣ набудааст.

Одамони ин ҷой ба ду духтараки тӯппипӯши кокулдор бо ҳайрат менигаристанд. Аввал тарсиданд. Фикр карданд, ки онҳо шояд ягон зарар мерасонанд, аммо баъд аз чанд лаҳза диданд, ки онҳо оромона қадам мезананд, оҳиста – оҳиста наздик шуданд.

Яке аз онҳо бо забони худ салом дод.

-Ӯ чӣ гуфт? – пурсид Ситора.

-Вай ба мо салом дод.

-Ман фикр кардам, ки ӯ фақат нафас кашид.

-Ин ҷой Замин не-ку, Ситора.

Сайёра бо онҳо сӯҳбат кард. Ситора, ки сӯҳбати онҳоро намефаҳмид, бесаброна мунтазир менишаст, ки тезтар дугонааш он сӯҳбатро барояш тарҷума бикунад.

-Канӣ, гап зан, онҳо чӣ мегӯянд?

-Номи ин сайёра Авока мебошад. Махсусияти ин сайёра дар он будааст, ки суръати зиндагӣ дар ин ҷой назар ба дигар сайёраҳо тезтар аст. Барои ҳамин онҳо технологияҳое ихтироъ кардаанд, ки он бо суръати зиндагии ин ҷой мутобиқат бикунад. Агар мо қадам занем, онҳо мепаранд, то ҳамаи корҳои худро дар вақташ иҷро карда тавонанд.

-Чунин суръати тез душвор нест? – бо ҳайрат пурсид Ситора.

-Онҳо мегӯянд, ки инсон чунин қудрате дорад, ки метавонад ҳамаи корҳоро ба сомон расонад. Агар хоҳад ва кӯшиш бикунад, ҳама вақт ба мақсади худ мерасад.

-Сайёра, авокагиҳо китоб мехонанд?

-Аҷоиб гап мезанӣ. Як ба гирду атрофат назар кун, ту дар замин чунин тараққиётро намебинӣ. Бин, биноҳо чунон баланд, ки то ба осмон мерасанд. Аҷибаш, ки лифт дар онҳо нест, онҳо худашон парвоз карда ба хонаҳояшон медароянд.

-Лекин чаро ҳама ҷой ранги гулобӣ дорад?

-Чунки барои авокагиҳо ин ранг рамзи зиндагӣ будааст.

-Барои онҳо талаффузи як калима манъ аст. Агар яке ягон кас онро талаффуз бикунад, ин сайёра ба тамом барҳам мехӯрад.

-Он калима кадом будааст?

-Онро фақат худашон медонанд. Агар ҳатто ба ман ҳам мегуфтанд, аллакай дигар ману ту ҳам зинда намемондем.

-Аҷоиб, нав мешунавам, ки як калима метавонад як сайёраро тамоман аз байн барад.

-Ҳама вақт ба якдигар таъкид мекунанд, ки ҳамеша эҳтиёткор бошанд.



-Инаш лекин ба фикрам душвор. Худи дар ягон муҳосира будагӣ барин.

-Онҳо мегӯянд, ҳозир олимони онҳо фақат сари як масъала кор карда истодаанд: он ҳам бошад, гум кардани калимаи манъшуда аз зеҳни одамон. Ин қадар пеш рафтаанд, хонаҳои махсус ташкил кардаанд, ки барои насли оянда ва дигар сайёраҳо меросҳои илмиву зеҳнии худро гузоранд, аммо ҳамин маъсаларо хал карда натавониста истодаанд. Медонӣ, ранги гулобиро рамзи зиндагӣ

-Ҳаааа.

-Инҳо ҳам интернет доштаанд, лекин медонӣ чӣ, ба воситаи интернет онҳо ҳатто хӯроку ашёро ҳам фиристода метавонанд.

-Наход...

-Ҳа. Инаш тамоман аҷоиб.

-Лекин як тарс дар онҳо ҳаст. Бо ин қадар тараққиёт пеши як чизи одӣ оҷиз мондаанд.



мегӯянд, аммо аз якрангӣ худашон ҳам хаста шудаанд. Ин ранг ҳамзамон таъкид мекунад, ки бояд эҳтиёткор бошанд. Агар, он калима аз зеҳнашон гум шавад, сайёраи Авока ҳам гуногунранг мешавад.

-Ҳама сайёра аҷоиботи худашро доштааст...

-Лекин, медонӣ, Ситора, Занама мегӯяд, ки барои онҳо низ тӯҳфаи беҳтарин ба якдигар ин китоб будааст. Онҳо китобро ончунон эҳтиёт мекунанд, ки гӯё шахси аз ҳама азизашон бошад. Суръат дар ин сайёра авваланидарача аст, аммо дар хондани китоб онҳо ба суръати тез риоя намекунанд. Барои онҳо муҳим аст, ки моҳияти китобро дарк намоянд.

-Сайёра, шояд барои ҳарранга буданаш либосҳои мо ба онҳо писанд омад, бин ҳатто даст-даст карда диданд.

-Лекин, Ситора, дар ин ҷо ҳоло дигар рангҳо кашф нашудааст. Онҳо ҳама чизро медонанд, лекин ба ҷуз рангҳо. Аз сад километр ҳатто



бӯйро эҳсос карда метавонанд. Ҳатто, агар бо як дигар бо воситаи телефон гап зада истода бошанд, эҳсос мекунанд, ки хонаи ҳамсуҳбаташон чӣ бӯй дорад. Тасаввур бикун, ту ба ман занг мезанӣ, мо гап мезанем. Ман аз ту мепурсам, ки Ситора манту пухта истодаӣ? Ҳарчанд ту дар ошхона нестӣ ва нагуфтаӣ, ки манту мепазӣ. Аз бӯйи хӯрок, тариқи телефон меояд, мефаҳмам, ки ту чӣ пухта истодаӣ.

-Фаҳмо.

-Вақти рафтанамон шуд. Мо дуру дароз дар ин ҷой истода наметавонем. Агар ҳозир наравем, маҷубрем, ки то охири умр дар ҳамин ҷой бимонем.



-Ман ба замини худамон рафтан мехоҳам.

-Аз ин ҷой ягон чӣ гирифтан мехоҳӣ, Ситора?

-Як чизро ҳамроҳам мегирам: ин ҳамон сухане, ки онҳо гуфтанд, - инсон чунин қудрате дорад, ки метавонад ҳамаи корҳоро ба сомон расонад. Агар хоҳад ва кӯшиш бикунад, ҳама вақт ба мақсади худ мерасад.

**Матлуба Мирзоғайбулло**



# Бояд тафаккури устувор дошт!?

Одамоне, ки тафаккури устувор доранд ва одамоне, ки дорои тафаккури афзоишёбандаанд, худро хуб дарк мекунанд ва ноҷурии равониро ба таври гуногун идора мекунанд.

Тафаккури устувор фикрҳоеро ба вуҷуд меорад, ки «Ту ҳамон ҳастӣ» (хонед: дар депрессия, изтироб мондаед ва ҳеҷ кас шуморо дӯст намедорад), «Шумо ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбед» ва, албатта, «Шумо ҳеҷ коре карда наметавонед.» Агар шумо хавотир, ғамгин ё афсурда бошед, пас шумо чунин фикр мекунед: «Хуб, ба он одат кунед, шумо ҳамин хел одамед.» Фикрҳое, ки аз ин муносибат тавлид мешаванд, хато ва муболиға мебошанд, аммо баъзан ба онҳо бовар кардан осон аст - хусусан, вақте ки шумо осебпазир ҳастед. Фикрҳое, ки аз тафаккури афзоиш бармеоянд, ба мо мегӯянд, ки тағирот воқей аст, мушкилоту стресс имкониятҳои нав меорад. Тафаккури афзоишӣ ҳақиқати илмиро ба ёд меорад, ки вақте шумо бо роҳҳои нав фикр мекунед, шумо дар майнаи худ пайвастҳои нави асабӣ ба вуҷуд меоред, ки эҳсосот ва рафтори шуморо тағйир медиҳанд.



Муносибатҳо тағйирёбандаанд. Одам пайваста аз як ҳолат ба ҳолати дигар мегузарад, аз ин рӯ ҳар кас давра ба давра ҳам фикрҳои марбут ба тафаккури устувор ва ҳам фикрҳои марбут ба тафаккури афзоиширо дорад.

Эҳтимол шумо аллакай ҳардуро доред. Онҳо метавонанд дар як рӯз ва ҳатто дар як вақт дар сар пайдо шаванд! Ин аслан тааҷҷубовар нест: муносибатҳо, тавре ки аллакай зикр гардид, хеле ноустуворанд, бо мурури замон ва вобаста ба вазъияте, ки мо дар он қарор дорем, тағйир меёбанд. Масалан, вақте ки шумо стресс ё мағлубиятро эҳсос мекунед, эҳсоси шумо ба худ сахттар мешавад, ки бояд тафаккури устувор дошта бошед, на тафаккури нармтар ва фасеҳтар.



Азбаски муносибатҳо фикрҳои тамоман ҳархелаupdated ро ба вуҷуд меоранд, амалҳои хеле гуногунро низ ба вуҷуд меоранд.

Фарқи байни ду намуди тафаккурро донистан муҳим аст, зеро онҳо шуморо ба рафтори комилан муқобил тела медиҳанд.

Тафаккури устувор даъват мекунад, ки таслим шавед, вақте ки ҳаёт дигар осон нест, ё нодида гирифтани он чизеро, ки хафа мекунад. Шумо худ ба худ мегӯед: «Дастатро дар дарси алгебра баланд накун, ту ба ҳар ҳол нодуруст ҷавоб медиҳӣ ва танҳо худро хиҷолат медиҳӣ”.

